*Лоиҳа барои муҳокима ва ташаккули диди маҷмӯии*
*рушди кишвар омода мегардад*
*(хати сурхе, ки барои ташаккули ҳамҳоҳангсозии самту нақшаи амал*
*дар ҳамаи бахшҳои Барнома метавонад мусоидат намояд)*

# ТАВСИФИ КОНСЕПТУАЛИИ БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА СОЛҲОИ 2026 – 2030[1]

*Фишурдаи гузориши кутох.* Дар оғози марҳалаи дуюми татбиқи Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи то соли 2030 , бо дарназардошти тамоюлҳои муосири иқтисоди ҷаҳонӣ, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имконониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати мамлакат муайян гардиданд.

Дар ин давра, сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ, шиддат ёфтани бархӯрдҳои геосиёсӣ, муноқишаи байни давлатҳо, таҳриму низоъҳои тиҷоратӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим кушиши ноилшавӣ ба ҳадафҳои давраи миёнамуҳлат таъмин гардонида шуд.

Дар давоми иҷрои Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 2021 – 2025 суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 8,4 фоизро ташкил дода, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид. Хеле муҳим аст, ки дар солхои оянда низ суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин карда шавад

Сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ хар сол ба ҳисоби миёна дар ҳудуди 1,6% паст шуда, дар соли 2023 то 21,2 фоизро ташкил намуд. Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода шуд, ки то соли 2030 то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Афзалияту интизориҳо доир ба хусусияту мӯҳтавои Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 2026 – 2030 пайвасташавӣ бо ду ҷанбаро тақозо менамояд:

1) кӯшиши таъмини ноилшавӣ ба натиҷаҳои мақсадноки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
2) ба инобат гирифтани ташаббусу интизориҳои нави рушд дар шароити таҳаввулоти идомадошта.

Таҳлили амалисозии ду зинаи аввали иҷрои Стратегияи миллии рушди Чумхурии Точикистон барои давраи то соли 2030 дар доираи Барномаҳои миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва 2021 – 2025 зарурати баландтар намудани ҳамгироию ҳамоҳангсозии суръати пешбурду натиҷагирии ислоҳотҳо ва рушди бахшу соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиётро талаб менамояд.

Албатта, таъмини инъикоси пешбурди фаъолияти барномавӣ дар самти ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар –Таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ; Раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ; Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастраси аҳолӣ ба ғизои хушсифат;

---

[1] *Дар асоси таҳлили - супоришҳои Президенти кишвар, натиҷаҳои рушд ва вазъи муосир омода гардидаст*

Саноатикунонии босуръат ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул дар муҳтавои Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба солҳои 2026 – 2030 таъмин мегардад. Амалишавии Барномаи мазкур дар шароити афзудани шиддати чолишхои технологӣ, иқтисодӣ ва экологӣ баргузор мегардад, ки вокунишу баинобатгирии муайянро талаб менамояд.

Ҳамзамон, дар шароити муосир (барои таъмини устуворию рақобатпазиии рушд) таваҷҷуҳ ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидорҳои истеҳсолӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, ташкили истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, пайванди илм бо истеҳсолот ва ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта афзун мегардад.

Мувофиқи таҷрибаи гурӯҳи кишварҳои дорои даромадҳои миёна барои ноил шудан ба рушди устувору рақобатпазир чунин фишангҳои асосӣ бояд истифода шаванд (фаъолиятҳо дар ин самт марҳилаи дарозмуддатро талаб мекунад, лекин барои омода намудани заминаҳои зарурӣ дар марҳилаи миёнамуҳлати муосир таъмини тақвияти механизмҳои маҷмуии фаъолият хеле муҳим аст):

- *таъмини рушди босуръати содироти молу хизматрасонӣ* (бо такя ба дастгирии афзоиши рақобатпазирии истеҳсолот) - барои дар ояндаи дарозмуддат ба содиркунандаи холиси молу хизматрасонӣ табдил ёфтани кишвар;
- *баланд бардоштани маҳсулнокию ҳосилнокии меҳнат* (бо такя ба дастгирии рушди сармояи инсонӣ) – барои дар ояндаи дарозмуддат таъмини устувории рушд;
- *ҷалби сармоягузории назаррас* (бо такя ба дастгирии рушди бахши хусусӣ) – барои таъмини тағйиротхои сохавии сохтори.

Бо ин мақсад, бахшҳои афзалиятноки зерин дар асоси - истифодаи фишангҳои дар боло зикршуда; имкониятҳое, ки аз тамоюлҳои ҷаҳонӣ бармеоянд; таҷрибаи кишварҳои дорои даромадҳои миёна муайян карда шуданд:

- *Кишоварзӣ*: инкишофи иқтидори истеҳсолии соҳа ба воситаи тақвияти фаъолиятҳо дар таъмини афзоиши ҳосилнокӣ ва даромаднокии фаъолият (ҷорикунии технологияҳои нав ва вориди навовариҳо) ва истифодаи самараноки замин *(барои таъмини амнияти озуқаворӣ, афзоиши содироти маҳсулот, шуғли пурмаҳсул);*
- *Саноат*: рушди босуръати саноати коркард, махсусан соҳаҳои бо арзиши баландтари иловашуда аз ҳисоби тақвияти ҳавасмандгардонии - сармоягузорӣ ба истеҳсолотҳои сатҳи миёна ва баланди технологӣ, таъмини самаранокию рақобатнокии корхонаҳои ватанӣ *(барои таъмини саноатикунонии босуръат, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва таъмини шуғли пурмаҳсул, афзоиши содироти маҳсулот):*
- *IT/технологияҳо ва технологияҳои рақамӣ*: бунёди платформаи иқтисоди миллии рақамӣ дар асоси васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии насли нав дар тамоми соҳаҳои иктисодиёт аз ҳисоби тақвияти низоми меъёрию ҳуқуқӣ, базаи технологию кадрии бахш;
- *Маориф ва илм:* афзалияти сифати таҳсилот ва афзоиши неруи ихтироъкорӣ барои рушди сармояи инсонӣ дар тамоми соҳаҳо
- *Тандурустӣ*: рушди кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва дарозумрии солим тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нав, ташаккули маърифати пешгирии касалмандӣ
- *Сайёҳӣ:* потенсиали ба даст овардани даромади 3-8 маротиба зиёдтар доро аст, аммо ин тамаркуз ба самтҳои мушаххасро тақозо мекунад (парвозҳои мустақим, маркетинги мақсаднок дар минтақаҳо ва кишварҳои мушахха).

Таваҷҷуҳи баланд ба рушди соҳаҳою бахшҳои мазкур (барои инкишофи иқтидору тавонмадии онҳо) метавонад дар тӯли 5 соли оянда саҳми онҳоро дар ММД афзоиш

дода заминахои муҳимро барои коҳиши устувори сатҳи камбизоатӣ ва устуворгардонии афзоиши синфи миёна расонад.

*Тавсифи натиҷаҳои рушд (замима – ҷадвали иҷроиши нишондиҳандаҳои мақсаднок).* Дар маҷмӯъ, дар давоми амалишавии ду Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи иҷрои ҳадафу интизориҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иқтисодиёт бо суръатҳои баланд рушд меёфт.

Дар муддати амалишавии БМР 2021 – 2025 суръатҳои афзоиши ММД ба нақша аз рӯи сенарияи индустриалӣ-инноватсионии СМР- 2030 наздик аст.

**Суръати афзоиши миёнасолонаи ММД, %**




Дар мавриди боқӣ мондани тамоюли суръатҳои баланди рушди иқтисод сатҳи мақсадноки СМР – 2030 доир ба ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи сенарияи индустриалӣ – инноватсионӣ метавонад таъмин гардад. Дар ин раванд, таъмини сифати рушд, ки бо ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта бо баинобат гирифтани афзоиши аҳолӣ ва тағйирёбии иқлим, ки ба шиддати масъалаҳои ҳалталаб таъсир мерасонанд, муҳим мегардад.

**Суръати рушди ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи ҚХД ҳамасола ба ҳисоби миёна 6,7% - ро ташкил дод, ки пешравии иқтисодиёти кишварро ифода менамояд**

| *Афзоиши маҷмӯии ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз соли 2015,%* | *Суръати миёнасолонаи рушди ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз рӯи ҚХД* |
|---|---|
|   | • Қазоқистон - 7,1%<br>• Қирғизистон - 7,1%<br>• Кишварҳои дорои даромадҳои миёна – 6,5%<br>• Тоҷикистон – 6,7%<br>• Ӯзбекистон – 6,4% |

- Тоҷикистон бо суръатҳои болотар нисбат ба кишварҳои даромадҳои миёна рушд меёбад.
- Ҳамзамон, суръатҳои рушди кишварҳои ҳамсоя – Қазоқистон ва Қирғизистон каме тезтар аст

| |
|---|
| • Барои болотар шудани суръатҳои рушд зарурати афзун намудани ҳаҷми маблағгузории рушд ва содироти маҳсулоти тайёр, рушди технологии иқтисодиёт ва баланд бардоштани фаъолияти инноватсионӣ муҳим мегардад. |

Ба мушаххасгардонии Нақшаи амали миёнамуҳлат баинобатгирии чолишҳои рушд, ки бо таъсири омилҳои алоҳида пайваст аст, метавонад мусоидат намояд.

| Омилҳои бо ҳам пайвасти рушд, ки ба ташаккули заминаҳои зарурӣ барои ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта метавонанд мусоидат намоянд | |
|---|---|
| *1. Омилҳои технологӣ* | |
| Рушди истеҳсолотҳои илмталаб бо маҳсулоти арзиши иловашудаи баландтар | Ҳиссаи арзиши иловашудаи соҳаҳои саноати миёна ва баландтехнологӣ дар арзиши иловашудаи саноат *на камтар аз 3 маротиба* бояд афзун гардад *(расидан ба сатҳи кишварҳои дорои даромадҳои миёна)* |
| Афзоиши маблағгузории коркардҳои илмию технологӣ ва шуғл дар самти мазкур | *То ба 1,5 фоизи ММД расонидани ҳиссаи* хароҷоти умумӣ ба соҳаи илм ва коркардҳои илмию технологӣ муҳим аст *(иҷрои вазифаҳои СМР – 2030)* |
| Паҳни истифодаи технологияҳои пешқадами каммасраф, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла замин ва об | Саноатикунонии босуръат, афзоиши шумораи аҳолӣ талаботи иктисодиётро ба захираҳои табиӣ афзун мегардонад. Таъмини дастрасии оқилона ва самаранокии истифодаи захираҳо торафт муҳим мегардад *(иҷрои вазифаҳои СМР – 2030)*. |
| Паҳни технологияҳои рақамӣ ва қарорҳои ҳушманд дар идораи рушд | Ташаккули фарҳангу технологияхои ракамӣ барои таъмини самаранокии кабули карорхо метавонад мусоидат намояд |
| *2. Омилҳои иқтисодӣ* | |
| Афзоиши сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёт | Хачми сармоягузории хусуси то 25% ММД – бо назардошти кохиши хачмхои кумаки молиявии шарикони рушд ин сатх бояд болотар бошад. |
| Беҳтар намудани вазъи инфрасохтор, махсусан дар минтақаҳои деҳоти кишвар | Афзоиши маҳсулнокии кишоварзӣ барои |
| Коҳиши иқтисодиёти ғайрирасмӣ | Сатхи иктисодиёти ракамӣ ба маротиб бояд кохиш ёбад – бо назардошти афзудани шумораи ахолии дар синну соли кобили мехнат ва зарурати таъмини шугли пурмахсул |
| Афзоиши ҳосилнокии меҳнат | Сатҳи маҷмуии ҳосилнокии меҳнат дар кишвар бояд то соли 2030 беш *аз 1,5 маротиба афзояд, бо суръати миёнасолонаи беш аз 8%* бояд таъмин гардад *(расидан ба сатҳи кишварҳои дорои даромадҳои миёна)* |
| *3. Омилҳои иҷтимоӣ* | |
| Коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва устуворгардонии синфи миёна | То 10% фаровардани сатхи камбизоати бо назардошти афзоиши шумораи ахоли ва чолишхои умумичахони (тагйирёбии иклим, ноустувории нархxо ба гизо) бояд таъмин гардад |
| Афзоиши сатҳи маълумотнокии кормандон дар иқтисодиёт | Афзоиши фарогирӣ бо таҳсилоти босифат дар ҳамаи зинаҳо, бо таваҷҷуҳ ба таҳсилоти касбӣ *на камтар аз 2 маротиба* бояд афзун гардад |

| | |
|---|---|
| | *(расидан ба сатҳи кишварҳои дорои даромадҳои миёна)* |
| Таъмини гуногунсамтии муҳоҷирати меҳнатӣ, коҳиши муҳоҷирати мутахассисони баландсифат | Кохиши вобастагии кишвар аз вазъи иктисодии як кишвар имкониятхоро афзун мегардонад. Пешгирии «фирори мазгхо» торафт мухимтар мегардад |

*Бахшу соҳаҳои афзалиятнок дар чорчубаи ташаккул додани иқтисоди ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта (дар робита бо ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар)*

**Кишоварзӣ** – таъмини амнияти озуқаворији кишвар, афзун намудани иштирок дар бозорҳои хориҷӣ ва неруи содиротии кишвар

**Саноат** – саҳмгузорӣ ба ташаккули иқтисодиёти индустриалӣ – аграрӣ бо таваҷҷуҳ ба навовариҳо ва рақобатпазирии рушд

**IT/технологияҳо ва технологияҳои рақамӣ** – саҳмгузорӣ ба афзоиши имкониятҳои нави рушди кишвар

**Маориф ва илм -** мувофиқат ба афзалиятҳои миллӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ва сифат, рушди неруи сармояи инсонӣ

**Тандурустӣ** - механизмҳои тибби пешгирикунанда, вориди технологияҳои рақамӣ ва таъмини сифати муолиҷа барои афзоиши давомнокии солими умр

**Рушди бахши сайёҳӣ**: афзоиши даромадҳо аз ҳисоби истифодаи самараноки имкониятҳо

Бо такя ба таҳлили маҷмӯии рушди кишвар, имкониятҳо ва ташаббусҳои нав

- ***Кишоварзӣ – таъмини амнияти озуқаворији кишвар, афзун намудани иштирок дар бозорҳои хориҷӣ ва неруи содиротии кишвар***

Афзоиши пешбинишавандаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ то соли 2030 ( бояд рушди истеҳсолот на пасттар аз 8% таъмин гардад)



| *Таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар* | *Афзун намудани иштирок дар бозорҳои хориҷӣ ва неруи содиротии кишвар* |
|---|---|
| • Худтаъминкунӣ бо зироатҳои муҳими растанипарварӣ ва маҳсулоти чорво то 70% бояд таъмин гардад ( СМР – 2030)<br>• зимни боқӣ мондани динамикаи мавҷудаи истифодаи захираҳои замину об то соли 2030 каср аз рӯи шакар 95%, равғани растанӣ – 88,5%, меваҷот – 68%, гӯшт – 32,7%, шир – 22,7%-ро ташкил хоҳад дод<br>• ба 0% расонидани сатҳи камбизоатии шадид, ки бо дастрасии ғизо пайваст аст ( СМР – 2030 ва ҲРУ) | • афзоиши фоизи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла афзоиши иқтидорҳои истеҳсоли пахта барои коркарди саноатӣ ва ривоҷи саноати коркард<br>• Афзоиши воридшавии маҳсулоти кишоварзӣ ба бозорҳои ҷаҳон (таваҷҷуҳ ба ҳаҷм, мутобиқат ба стандарту сертификатҳо) |
| *Таъмини инкишофи иқтидори истеҳсолии соҳа ба воситаи тақвияти фаъолиятҳо дар таъмини афзоиши ҳосилнокӣ ва даромаднокии фаъолият (ҷорикунии технологияҳои нав ва воридӣ навовариҳо) ва истифодаи самараноки замин* | |

Самтгирии фаъолияти барномавӣ ба марҳилаи миёнамуҳлат дар бахши кишоварзӣ

| | |
|---|---|
| *Ташаббусҳои афзалиятнок* | • Таъмин ва пешбурди афзалиятҳо дар истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ барои таъмини худтаъминкунӣ (меваю сабзабот, хуроки |
| | • Тақвияти низоми ҷалби сармоя барои рушди соҳа |
| | • Дастгирии инкишофи хоҷагиҳои миёна ва агрокластерхо бо назардошти таъсири тағйирёбии иқлим |
| *Омилҳои таконбахшанда* | • Тақвияти ҳамгироии илму истеҳсолоти кишоварзӣ, Истифодаи навовариҳо дар тухмипарварӣ, агротехника |
| | • Рушди низоми мелиоратсия ва объёрии заминҳои кишоварзӣ |
| | • Вориди технологияҳои рақамӣ ва сабз ба истеҳсолоти кишоварзӣ |

- ***Саноат – саҳмгузорӣ ба ташаккули иқтисодиёти индустриалӣ – аграрӣ бо таваҷҷуҳ ба навовариҳо ва рақобатпазирии рушд***

| Афзоиши пешбинишавандаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2030 ( бояд рушди истеҳсолот на пасттар аз 20% таъмин гардад) |
|---|




*Таъмини саноатикунонии босуръат*

- суръатҳои рушди саноат бояд нисбат ба суръатҳои рушди кишоварзӣ на камтар аз 2,5 маротиба зиёдтар бошад;
- саноати коркард бояд бо суръатҳои баландтар афзоиш ёбад, то ин ки ҳиссаи он дар саноат то беш аз 70% расад
- баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳосилнокии меҳнат дар корхонахои саноатӣ;
- афзоиши содироти маҳсулоти саеноатии бо арзиши иловашудаи баланд.

*Таъмини рушди босуръати саноати коркард, махсусан соҳаҳои бо арзиши баландтари иловашуда аз ҳисоби тақвияти ҳавасмандгардонии - сармоягузорӣ ба истеҳсолотҳои сатҳи миёна ва баланди технологӣ, таъмини самаранокию рақобатнокии корханаҳои ватанӣ*

Самтгирии фаъолияти барномавӣ ба марҳилаи миёнамуҳлат дар таъмини рушди бо суръати саноат

*Ташаббусҳои афзалиятнок*

- Ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир бо арзиши иловагии баланд ва диверсификацияи истеҳсолоти
- Тақвияти низоми ҷалби сармояи хусусӣ барои рушди соҳа
- Ташаккули кластерҳои саноатӣ

*Омилҳои таконбахшанда*

- Тақвияти ҳамгирои илму истеҳсолоти саноатӣ, дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар соҳа
- Тақвияти базаи технологӣ ва кадрии соҳа
- Вориди технологияҳои рақамӣ ва сабз ба истеҳсолоти саноатӣ

- ***IT/технологияҳо ва технологияҳои рақамӣ – саҳмгузорӣ ба афзоиши имкониятҳои нави рушди кишвар***

Самтгирии фаъолияти барномавӣ ба марҳилаи миёнамуҳлат дар рушди IT/технологияҳо ва

*Ташаббусҳои афзалиятнок*

- рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ
- истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ
- то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот,

*Омилҳои таконбахшанда*

- такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ
- рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи
- таъмин намудани амнияти кибериии махзанҳои маълумот.

- ***Маориф ва илм - мувофиқат ба афзалиятҳои миллӣ, беҳтар намудани дастрасӣ ва сифат барои рушди неруи сармояи инсонӣ***

| **Мувофиқат ба афзалиятҳои миллӣ** | **Беҳтар намудани фарогӣ ва сифат** |
|---|---|
| • Таъмини афзоиши ҳиссаи аҳолии (ё бо кор таъминшуда) дорои маълумоти муосири касбӣ<br>• Дастгирии афзоиши шумораи хатмкунандагони донишгоҳҳо, аз ҷумла бо ихтисосҳои муҳандисӣ ва технологияҳои рақамӣ<br>• Ҳавасмандгардонии афзоиши шуғл дар низоми коркардҳои илмӣ – амалӣ | • Тақвияти механизмҳои афзоиши фарогирӣ ва таъмини дастрасии таҳсилоти босифат, аз он ҷумла дар таҳсилоти касбӣ<br>• Ривоҷи низоми коҳиши нобаробарии таҳсилотӣ<br>• Ташаккули марказҳои рушди зеҳнӣ |
| *Бахшидани такони назаррас ба таъмини сифати таҳсилот ва афзоиши неруи ихтироъкорї барои рушди сармояи инсонї дар тамоми соҳаҳо* | |

**Самтгирии фаъолияти барномавӣ ба марҳилаи миёнамуҳлат дар рушди низоми маориф ва илм**

| | | |
|---|---|---|
| *Ташаббусҳои афзалиятнок* | • Баландтар намудани фарогирӣ бо таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти касбӣ | *Идома намудани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| | • Муосиргардонии инфрасохтори низоми таҳсилот | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| | • Таъмин ва пайгирии сифати таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилот | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| | • Рушди неруи ҳамгироии бахши таҳсилоту илм бо ноилшавӣ ба афзалиятҳои стратегии кишвар | *Гузориши нави масъала ва самтгири фаъолият* |
| | • Дастгирии баланд бардоштани рақобатпазирии низоми миллии тадқиқот ва инноватсия, таъмини илмию техникӣ ва инноватсионии тағйироти сохторӣ дар иқтисод ва | *Гузориши нави масъала ва самтгири фаъолият* |
| *Омилҳои таконбахшанда ба рушди соҳа* | • Рушди воситаҳои рақамӣ, омӯзиши электронӣ, коркардҳои технологияҳои рақамӣ | *Гузориши нави масъала ва самтгири фаъолият* |
| | • Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ба ташкили муассисаҳои таҳсилотӣ, рушди соҳибкории инноватсионӣ | *Гузориши нави масъала ва самтгири фаъолият* |

- ***Тандурустӣ - механизмҳои тибби пешгирикунанда, вориди технологияҳои рақамӣ ва таъмини сифати муолиҷа барои афзоиши давомнокии солими умр***

| Механизмҳои тибби пешгирикунанда | вориди технологияҳои рақамӣ ва таъмини сифати муолиҷа |
|---|---|
| • Таваҷҷӯҳ ба пешгирӣ ва ошкорсозии барвақти бемориҳо ба ҷои “нигоҳубини беморон”<br>• Бартарафсозии пурраи хатарҳои рафторӣ (тамокукашӣ, машрубот) тавассути таълим ва тадбирҳои пешгирикунанда<br>• Таъмини дастрасии баробар ба хизматрасонии босифати тиббӣ ва нигоҳубини беморон | • Рақамсозии низоми тандурустӣ барои оптимизатсияи муносибатҳои беморон, расонидани нигоҳубин ва мониторинги натиҷа<br>• Дастгирӣ, рушд ва истифодаи потенсиали истеъдодҳои соҳаи тандурустӣ дар саросари кишвар<br>• Тақвияти низоми тандурустӣ барои таъмини сифати баланд бидуни афзоиши назарраси хароҷот |

**Самтгирии фаъолияти барномавӣ ба марҳилаи миёнамуҳлат дар рушди низоми тандурустӣ**

| | | |
|---|---|---|
| *Ташаббусҳои афзалиятнок* | • Татбиқи чораҳои коҳиш додани бемориҳои ғайрисироятӣ ва беҳтар намудани ғизо (тарзи ҳаёти солим) | *Идома намудани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| | • Тақвияти шароит барои рушди инноватсионии тиб | *Гузориши нави масъала ва самтгирии* |
| | • Таъмини рушди фарогири низоми тандурустӣ (бо назардошти чолишҳои нави рушд, тағйирёбии иқлим) | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР* |
| *Омилҳои таконбахшанда ба рушди соҳа* | • Такмил додани базаи меъёрӣ ва стандартҳо | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР* |
| | • Ҷалби захираҳои молиявӣ ба низоми тандурустӣ | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР* |
| | • Муосиргардонии инфрасохтори низоми тандурустӣ | *Гузориши нави масъала ва самтгирии* |

- **Рушди бахши сайёҳӣ: афзоиши даромадҳо аз ҳисоби истифодаи самараноки имкониятҳо**

Самтгирии фаъолияти барномавӣ ба марҳилаи миёнамуҳлат дар рушди низоми сайёҳӣ

| | | |
|---|---|---|
| *Ташаббусҳои афзалиятнок* | • Рушди инфрасохтори муосири меҳмондорӣ бо ҷалби шабакаҳои байналмилалӣ | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| | • Эҷоди маҳсулоти сайёҳии рақобатпазир барои қишрҳои мақсаднок, аз ҷумла насли наврас | *Гузориши нави масъала ва самтгирии фаъолият* |
| | • Рушди сайёҳии оммавӣ бо такя ба истифодаи самараноки неруи кишвар (сайёҳии барқарорсозии саломатӣ, варзишӣ, фарҳангию маърифатӣ, таърихӣ) | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| *Омилҳои таконбахшанда ба рушди соҳа* | • Ташаккул ва татбиқи маҷмӯи стандартҳои миллӣ ва инфиродии байналмилалии сифат дар соҳаи хизматрасонӣ; ҳамоҳангсозии пайваста ва мутобиқсозии ин стандартҳо бо сатҳи байналмилалӣ | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| | • Рушди роҳҳо ва инфраструктураи нақлиёт | *Ба сатҳи нав баровардани фаъолият аз БМР 2021-2025* |
| | Баланд бардоштани маҳорати забондонӣ (англисӣ ва чинӣ) барои беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ | *Гузориши нави масъала ва самтгирии фаъолият* |